# ХУЛОСАИ
# КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба диссертатсияи Изатуллозода Рамазон Хайрулло дар мавзӯи “Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД “Коргоҳи машинасозӣ”)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D060800 - Экология (6D060803-Экология (илмҳои техникӣ)).**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ҳайати зерин: раис, доктори илмҳои техникӣ, дотсент Гулаҳмадов Ҳ.Ш. ва аъзоёни комиссия – доктори илмҳои техникӣ Қодиров А.С. ва номзади илмҳои техникӣ, дотсент Иброҳимов С.Ҷ., ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 (протоколи №11 аз 03.06. с. 2026) мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267, бо назардошти тағийру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) ташкил карда шуд.

Комиссияи экспертӣ дар асоси шинос шудан ба диссертатсия Изатуллозода Рамазон Хайрулло дар мавзӯи “Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД “Коргоҳи машинасозӣ”)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D060800 - Экология (6D060803-Экология (илмҳои техникӣ)) ва муҳокимаи он чунин хулоса қабул намуд:

- диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) Изатуллозода Р.Х. дар мавзӯи “Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД “Коргоҳи машинасозӣ”)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D060800 - Экология (6D060803-Экология (илмҳои техникӣ)) мубрам ва рузмарра буда, таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида ҳисобида мешавад;

- кори илмии доктори фалсафа (PhD) Изатуллозода Р.Х. дар самти сарфакорона истифодабарии захираҳои табиӣ бо роҳи қисман иваз кардани ашёи хоми истеҳсолоти маводи сохтмонӣ бо партовҳои сахти корхонаҳои металлургӣ (оҳангудозӣ) таҳия шуда, барои беҳтар намудани хосиятҳои физикӣ-механикии маҳсулоти истеҳсолшуда, коркард ва нобудсозии партовҳои сахти саноатӣ ва дар ҳали бартараф намудани таъсири  партовҳои сахти саноатӣ ба муҳити табиӣ (об, хок) яке аз мавзуи мубрами таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар кори илмӣ нақшаи технологии истеҳсоли хишти сафолӣ, блоки сементӣ ва тахтасангҳои (плитаҳои) роҳрав бо илова намудани партовҳои тафолаи оҳангудозӣ тавсия дода мешавад;

- натиҷаҳои илмии диссертатсия дар мавзӯи интихобшуда ба самтҳои афзалиятноки илм, ки дар Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022, № 482) ва Стратегияи рушди соҳаҳои сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 27 апрели соли 2022, №203) оварда шудааст, мувофиқат мекунад;

- мавзӯи кори диссертатсионӣ бо банди 4-и шиносномаи ихтисоси 6D060803 Экология (илмҳои техникӣ) дар соҳаи саноат: 4.9. “Таҳияи системаҳои идоракунии партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ дар корхонаҳои саноатӣ” ва 4.12. “Таҳлил ва арзёбии экологии иншоотҳои партовнигоҳдорӣ, таъсири манфии партовгоҳҳо ба муҳити табиӣ (ҳаво, об, хок, растанӣ) дар минтақа, аз нав барқарорсозии (рекультивации) партовгоҳҳо ва таҳияи илмии пешгирии таъсири он”, мутобиқат мекунад;

- саҳми шахсии муаллиф дар таҳия ва татбиқи ҳадафҳои таҳқиқот, таҳлил ва систематизатсияи маълумоти адабиётҳои илмӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, гузаронидани таҷрибаҳои озмоишӣ, таҳияи хулосаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия мебошад;

- Изатуллозода Р.Х. дар асоси таҳиқотҳои гузаронидашуда 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба нашр расондааст. Дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ 5 тезисҳои маърӯзаҳо пешниҳод карда шуданд. Як нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барои “Массаи сафоли барои истеҳсоли хишт” (№Tj 1629 аз 30 октябри соли 2025) низ дарёфт шудааст. Мақолаҳои нашргардида пурра ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу мебошанд;

- эътимоднокии натиҷаҳо бо истифодабарии дастуру меъёрҳои соҳавӣ, усулҳои муосири таҳлили ва озмоишии таҳқиқоти вобастагӣ дорад. Таҷрибаҳои илмӣ бо истифода аз мавод, дастгоҳҳо ва асбобҳои муосири истифодашаванда дар озмоишгоҳи хизматрасонии техникии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии АМИТ, озмоишгоҳи ҶСК Пажуҳишгоҳи илмӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯии “САНИИОСП” ва озмоишгоҳи «Масолеҳ, технология ва ташкили сохтмонӣ» -и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ амалӣ карда шудаанд;

- дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳодгардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгуй мебошад. Асолати мазмуни диссертатсия 91,65% ва автореферат 77,91%-ро ташкил медиҳад;

- комиссияи экспертӣ пешниҳод мекунад, ки диссертатсия доктори фалсафа (PhD) Изатуллозода Р.Х. ба шурои диссертатсионии 6DKOA-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ қабул карда шавад.

Дар баробари ин мехостем ҳамчун эрод мулоҳизаҳои зеринро баён намоям:

1. Дар боби 2 (зербобҳои 2.2.2 - 2.2.4) муаллиф таҳлили таркиби физикӣ-химиявӣ ва радиатсионии тафолаҳои оҳангудозиро муайян намудааст. Аммо дар таҳқиқоти илмӣ оид ба мавҷудият ва таъсири эҳтимолии металлҳои вазнин дар маҳсулоти ниҳоии сохтмонӣ оварда нашудааст. Бо назардошти он, ки тафолаҳои оҳангудозӣ ё металлургӣ метавонанд чунин элементҳоро дар бар гиранд, гузронидани таҳқиқоти иловагӣ оид ба бехатарии экологии маҳсулоти истеҳсолшуда мақсаднок мебуд.

2. Дар боби 4, зербоби 4.3 арзёбии экологӣ-тқтисодии маҳсулоти истеҳсолшуда оварда шудааст. Вале нишондиҳандаҳои мушаххаси экологӣ, аз

ҷумла ҳаҷми партовҳои коркардшуда, сарфаи ашёи хоми табиӣ ё коҳишёбии сарбории экологӣ ба муҳити зист дар шакли ҳисобҳои микдорӣ пурра инъикос нагардидаанд. Ин масъала метавонист аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро боз ҳам тақвият диҳад.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои техникӣ дида мешаванд.

Эродҳои дар боло зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, ба кори илмии доктори фалсафа (PhD) Изатуллозода Р.Х. ва арзиши амалии он таъсир намерасонад. Мақсад ва вазифаҳои диссертатсия амалан иҷро гардида, тавсияҳои пешниҳодгардида аз назари илмӣ асоснок шудаанд.

Комиссияи экспертӣ ба ҳайси муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар, пешниҳод менамояд:

- **Рузиев Ҷура Раҳимназарович** – доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи «Химияи татбиқӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Раҳимов Илҳомиддин Мирзоевич** – номзади илмҳои техникӣ, мудири озмоишгоҳи “Коркарди комплексии ашё ва партовҳои саноатӣ”-и Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ.

- ба сифати муассисаи пешбар **Корхонаи воҳиди давлатии “Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии “Сохтмон ва меъморӣ”-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** тавсия дода шавад.

- комиссияи эксперти барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат медиҳад;

- барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100) ва ирсол намудани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) Изатуллозода Р.Х. дар мавзӯи “Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД “Коргоҳи машинасозӣ”)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D060800 - Экология (6D060803-Экология (илмҳои техникӣ)) таҳлил ва баррасӣ намуда, дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) Изатуллозода Р.Х. дар мавзӯи “Арзёбии экологии истифодаи тафолаҳои оҳангудозӣ дар истеҳсоли маводи сохтмонӣ (дар мисоли КВД “Коргоҳи машинасозӣ”)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D060800 - Экология (6D060803-Экология (илмҳои техникӣ)), дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-тадқиқиашон, ба ихтисоси 6D060800 - Экология (6D060803-Экология (илмҳои техникӣ)) мувофиқат доранд ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Рузиев Ҷура Раҳимназарович** – доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи «Химияи татбиқӣ»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Раҳимов Илҳомиддин Мирзоевич** – номзади илмҳои техникӣ, мудири озмоишгоҳи “Коркарди комплексии ашё ва партовҳои саноатӣ”-и Институти кимиёи ба номи В.И. Никитини АМИТ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Корхонаи воҳиди давлатии “Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии “Сохтмон ва меъморӣ”-и Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100) ва ирсол намудани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои техникӣ, дотсент
узви шурои диссертатсионӣ — Гулаҳмадов Ҳ.Ш.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои техникӣ
узви шурои диссертатсионӣ — Қодиров А.С.

номзади илмҳои техникӣ, дотсент
узви шурои диссертатсионӣ — Иброҳимов С.Ҷ.

*Имзоҳои д.и.т., дотсент Гулаҳмадов Ҳ.Ш., д.и.т. Қодиров А.С. ва н.и.т., дотсент Иброҳимов С.Ҷ. - ро тасдиқ мекунам*

*Сардори РК ва КМ Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ* — *Қодирзода Н.Ҳ.*

23 июни соли 2026